**Тақриз**

**ба диссертатсияи Ҳабибов Далер Абдуллоевич «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда**. Масъалаи истифодаи технологияҳои нави сиёсӣ, таҳлил ва асосноккунии илмию назариявӣ ва муайян намудани аҳамияти амалии онҳо яке аз мавзӯъҳои муҳим дар сиёсатшиносии муосир ба ҳисоб меравад. Зеро бо рушди ҷомеа, аз он ҷумла ҷомеаи иттилоотӣ, болоравии сатҳи фарҳангӣ сиёсии ҷомеа, шаклгирии муносибатҳои нави ҷамъиятию сиёсӣ талабот ба технологияҳои сиёсӣ дучанд афзудааст. Вобаста ба ин қувваҳои сиёсӣ доимо кӯшиш мекунанд то ролу усулҳои нави таъсиррасонӣ ба ҷомеаро коркард намоянд, то ин, ки тавассути онҳо ҷиҳати ба даст овардан ва устуворгардонидани қудрати сиёсии худ мушарраф гарданд. Дар ин радиф масъалаи маркетинги сиёсӣ мавқеи хоса дорад.

Маркетинги сиёсӣ баҳри муаррифии сазовори довталаби ҳокимият ва ё мансаби давлатӣ, муваффақ гаштани он дар муборизаҳои осоиштаи сиёсӣ, ташкили фазои мусоиди рақобат баҳри номзадҳо, таъмини муваффақияти онҳо дар маъракаҳои сиёсӣ аҳамияти калон дошта, собит намудааст, ки дар сурати ҳадафнок ва самаранок ташкил намудани он муваффақияти номзадро дар маъракаи интихоботӣ таъмин карда метавонад.

Дар баробари ин, дар марҳилаи кунунӣ, ки маъракаҳои интихоботӣ аз ҷониби қувваҳои гуногуни манфиатдор баҳри ташкили «инқилобҳои ранга» истифода шуда истодаанд, аҳамияти амниятии маркетинги сиёсӣ ба маротиб боло рафта, омӯзиш ва таҳлили илмии он моҳияти махсус касб менамояд.

Ҳамзамон бо ин, масъалаи мазкур нахустин маротиба дар шакли маҷмӯӣ дар доираи илмҳои сиёсии ватанӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки ин ҳолат ҳам муҳиммияти мавзӯи мазкурро баланд мебардорад.

**Мазмуни асосии диссертатсия**

Диссертатсияи Ҳабибов Далер Абдуллоевич «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз муқаддима,

ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Таҳқиқи масъалаи маркетинги сиёсӣ бе баррасии вожаҳои асосии он номумкин аст. Аз ин рӯ, диссертант дар ин раванд ба дақиқ намудани маънои чунин вожаҳо, аз қабили «майдони сиёсӣ», «бозори сиёсӣ», «моли сиёсӣ ва сармояи сиёсӣ» диққати махсус дода, маркетинги сиёсиро ҳамчун маҷмӯи шаклу усулҳои фаъолияти сиёсӣ ҳаматарафа маънидод намудааст.

Майдони сиёсиро ҳамчун арсаи озмоишҳо ва муборизаҳо баҳри тағйир додани мувозинати қувваҳо маънидод намуда, қайд мекунад, ки моҳиятан он дорои сохтори муайяни худ буда, дар ин арса муносибатҳо ташаккул ёфта, субъектҳои гуногуни сиёсат талош мекунанд, ки мавқеи муносибро дар он соҳиб бошанд. Ҳамзамон бо ин, соҳиб гаштан ба мавқеи устувор иҷрои як қатор талаботҳо, аз қабили омӯзиши хусусияти «бозори» сиёсӣ ва пешниҳоди «моли» серталаби сиёсиро тақозо менамояд.

Нуқтаи назари муаллиф дар бораи маркетинги сиёсии интихоботӣ ва маркетинги сиёсии давлатӣ низ мавриди таваҷҷӯҳ мебошад. Аз он ҷумла, ақидаи ӯ оид ба масъалаи тақвияти технологияҳои нави сиёсӣ дар раванди идоракунии захираҳои ҳокимият ва ҷудо намудани маркетинги сиёсии интихоботӣ ва маркетинги сиёсии давлатӣ аҳамияти хоси илмию назариявӣ дорад ва таҷрибаи ҳамарӯзаи идоракунӣ метавонад муваффақона истифода шавад.

Дар маҷмӯъ диссертант тавонистааст дар доираи муайяннамудаи таҳқиқотии худ, дар ба даст овардани мақсад ва вазифаҳои гузошташуда дар таҳлили мавзӯъ муваффақ шавад.

**Хулоса ва тавсия**

Муаллиф дар раванди таҳқиқоти илмии худ тавонистааст мақсад ва вазифаҳои гузоштаи худро ҳал намуда, натиҷаҳои эътимодбахш ба даст оварад. Натиҷаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф асоснок буда, метавонанд дар амалияи сиёсӣ ҳангоми таҳияи модулҳои таълимӣ оид ба сиёсатшиносӣ истифода бурда шаванд.

Диссертатсияи Ҳабибов Далер Абдуллоевич «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руи ихтисоси 23.00.02 — ниҳодҳо,

равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои фалсафа,
профессор М.Хидирзода

Имзои М. Хидирзодаро тасдиқ менамоям.
Мутахассиси Дастгоҳи КМИР ҶТ Рабиев Г.
18.05.21.

КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ЦЕНТРАЛЬНАЯ КОМИССИЯ ПО ВЫБОРАМ И РЕФЕРЕНДУМАМ Р.Т.
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ